ТАҲЛИЛИ
таъсири танзимкунии Дастурамал «Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ»

Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Лоиҳаи Дастурамал «Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ»
Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Бонки миллии Тоҷикистон
Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад	Ташкилотҳои қарзии молиявӣ
Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	30.07.2020
Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оиди ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 09.01.с.2020 ҷойгир карда шудааст
Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо	Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур машварати оммавӣ гузаронида шуда, нақшаи қабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид.
Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва	Қайд карда мешавад, ки дар айни замон дар қонунгузории соҳаи бонкии кишвар меъёрҳои ҳуқуқии мушаххас вобаста ба муқаррар намудани талаботи ҳадди ақал

оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад	ва қоидаҳои ягонаи асосии тартиби нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавҷуд нест. Инчунин дар самти нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ якчанд мушкилотҳои асосӣ мушоҳида карда мешаванд: - пешниҳод намудани нашрияҳои маълумоти нопурра дар сомонаҳои расмӣ; - пешниҳод намудани маълумотҳои носеҳеҳ дар нашрҳои чопӣ; - пешниҳод намудани маълумотҳои нопурра ҳангоми маводҳои нашрӣ ва сомонаҳои расмӣ; - вуҷуд надоштани ҳуди сомонаҳои расмӣ; - пешниҳод намудани маълумоти носаҳеҳ оид ба нархи хизматрасониҳои бонкӣ, ҳангоми нашри маълумотҳо; - пешниҳод нагардидани маълумотҳои нашрӣ оид ба хизматрасониҳои бонкӣ бо забони соддаву фаҳмо. Дар ҳолати қабул нагардидани Дастурамали мазкур ин холигии қонунгузорӣ метавонад боиси фалаҷшавии шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, таъмин нагаштани сатҳи зарурии шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, пастравии сатҳи миёнаравии молиявӣ ва боварии аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ гардад. Зарурияти таҳия ва қабули дастурамали мазкур аз номукаммалии қонунгузории соҳавӣ, мавҷуд набудани сатҳи зарурии шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, сатҳи пасти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, саҳҳомон

	ва сармоягузорони ватаниву хориҷие, ки пасандозгузорандагон ва дорандаи саҳмияҳои ин бонкҳо мебошанд бармеояд, ки боиси соли 2016 ба миён омадани буҳрони низоми бонкии кишвар гардиданд. Вобаста ба ин Сарвари давлат дар ҷаласаи XVIII Шурои машваратӣ аз 26 январи соли 2018 вобаста ба роҳандозии принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар низоми молиявию қарзии кишвар татбиқ намудани механизми фаъолияти шаффофи бонкҳо ва дар ин замина баланд бардоштани эътимод ба онҳо супориш дода буданд (банди 4 супориши протоколӣ, №22/10-76 аз 28 марти соли 2018).
Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат	Мақсад аз дахолати давлат, яъне қабули Дастурамали мазкур ин пеш аз ҳама мушаххас намудани муқаррароти умумии конунгузорӣ дар самти тартиби нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ буда, ба ҳамин васила шаффофияти фаъолияти ин гуна ташкилотҳо назди истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъмин мегардад. Ҳамзамон, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва таҳкими боварӣ аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро таҳия намуда, дар он талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии нашр намудани маълумотҳо оид ба фаъолият ва хизматрасониҳои

	бонкии пешниҳодшаванда ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявиро муқаррар намудааст. Боиси тазаккур аст, ки масъалаҳои мазкур тибқи қонунгузории бонкӣ бо таври умум танзим гардида, санади маъерии ҳуқуқии махсуси танзимкунандаи дар ин самт мавҷуд набуд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» (моддаи №55 «Ҳимояи манфиати муштариён»), «Дар бораи фаъолияти ташкилотҳо маблағгузории хурд" (моддаи "Муносибати ташкилотҳои маблағгузории хурд бо муштариён") ва "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" (моддаи 61 "Ҳимояи манфиатҳои муштариён") танҳо қисмати пешниҳоди хизматрасониҳои бонкиро бо таври умум пешбинӣ менамоянд, ки барои танзими пурраи ва ҳаматарафаи масъала ва мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта нокифоя мебошанд. Ҳамзамон таҳия ва қабули дастурамали мазкур ба татбиқи банди 2 супориши протоколии ҷаласаи XX Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 12 феврали соли 2020, равона карда шудааст (протоколи №22/3-114 аз 4 марти соли 2020). Бояд зикр намуд, ки бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" (моддаи 39 (1)) ворид карда шуд. Мақсади асосии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур, ин

	эътироф намудани салоҳияти Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамчун мақоми ягонаи танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мебошад. Тибқи тағйиру иловаҳои зикршуда фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ, дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим ва назорат карда мешавад. Тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур ба Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамчун мақоми ягонаи танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ, ҳуқуқи таҳияи санадҳои меъерии ҳуқуқиро дар самти мазкур медиҳад.
Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот	Дастурамали мазкур баҳри иҷроиши бандҳои Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Афзалиятҳои стратегии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 – 2019 таҳия карда шудааст. Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоихаи санади мазкурро моддаҳои 6 ва 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», моддаи 55 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва бо назардошти моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ва моддаҳои 50 ва 61 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва моддаи 39

	(1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон” ташкил медиҳанд. Дастурамал “Дар бораи тартиби нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ” нашри маълумотҳоро дар самтҳои пешбинӣ менамояд: - нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар шабакаи интернет; - нашри маълумот дар нашрияҳои чопӣ; - ҷойгир кардани маълумот дар маҳалҳои хизматрасонии ташкилоти қарзии молиявиро дарбар гирифтааст. Дар баробари ин, талаботҳои зеринро муайян намудааст: - талаботи умумӣ нисбати мундариҷаи маълумоти нашршаванда; - талаботи умумӣ оиди нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар шабакаи интернет; - талаботи умумӣ оиди нашри маълумот дар нашрияҳои чопӣ ва ҷойгир кардани маълумот дар маҳалҳои хизматрасонии ташкилоти қарзии молиявӣ - ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботҳои мазкур. Қобили қайд аст, ки аз талаботҳои дар боло зикршудаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур, нисбати субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои низоми бонкӣ фаъолияти худро ба роҳ мондаанд, уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои муайян низ ба миён меоянд, аз ҷумла: - уҳдадорӣ оиди пурра ва саҳеҳ нашр намудани маълумот ба мизоҷон; - уҳдадорӣ оиди нашри маълумоти дахлдор нисбати ҳар як хизматрасонии пешниҳодшуда дар алоҳидагӣ; - уҳдадорӣ оиди нашри ҳисоботҳои молиявии худ;

	- уҳдадорӣ оиди сари вақт нашр намудани маълумотҳои мушаххас, зарурӣ ва саҳеҳ ба муштариён, ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои бонкӣ. Аз гуфтаҳои дар боло дарҷгардида бармеояд, ки субъектони соҳибкории зикршуда уҳдадор мешаванд, ки дар самти нашри маълумот ба мизоҷони худ (истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ) талаботро вобаста ба нашри маълумот ба онҳо, тавассути иҷро намудани як қатор амалҳо ва чорабиниҳои дахлдор таъмин намоянд, яъне санади меъёрии ҳуқуқии мазкур маҳдудиятҳои муайянеро дар назди ташкилотҳои молиявӣ ба миён меорад. Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур бо дарназардошти таҷрибаи пешрафтаи байналхалкӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ таҳия гашта, интихоби дурусти батанзимдарории мушкилоти ҷойдошта дар самти муносибати ба роҳ мондаи мутақобилаи ташкилотҳои қарзиву молиявӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Боиси қайд аст, ки Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” муносибатҳои байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ бо муштариёни онҳо, яъне истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро ба пуррагӣ танзим наменамояд. Бинобар ин, бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизмат-расониҳои молиявӣ тағйиру иловаҳо ба Қонуни

	Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” ворид карда шуд. Мақсади асосии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур, ин эътироф намудани салоҳияти Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамчун мақоми ягонаи танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мебошад. Тибқи тағйиру иловаҳои зикршуда фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ, дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим ва назорат карда мешавад. Тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур ба Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамчун мақоми ягонаи танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ, ҳуқуқи таҳияи санадҳои меъерии ҳуқуқиро дар самти мазкур медиҳад. *Лоиҳаи Дастурамали* мазкур бо дарназардошти мавҷуд будани заминаи кофии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи Бонки миллии Тоҷикистон дар самти таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, дар он инчунин таҷрибаи пешқадами байналхалқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмол-кунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба инобат гирифта шудааст. Дар ҳолати риояи дақиқи талаботи Дастурамали мазкур муносибати миёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва муштариёнашон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, танзими онҳо ба натиҷаҳои мусбӣ оварда мерасонад.

Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ)	Қаблан баҳри танзими муносибатҳои байни истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ санади меъёрии ҳуқуқии мушаххас қабул карда нашудааст. Солҳои охир дар низоми бонкии кишвар масъалаҳо вобаста ба: таври зарурӣ огоҳ набудани муштариён аз хизматрасониҳои молиявии пешниҳодшаванда; набудани маълумот оид ба нархи аслии хизматрасониҳои молиявии; пурра ва саҳеҳ набудани маълумотҳо дар бораи ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мушоҳида гаштаанд, ки ин омилҳо боиси коста шудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар оварда расонид. Айни ҳол, қонунгузории амалкунандаи кишвар дар самти мазкур муносибатҳои дахлдорро оиди нашри маълумот вобаста ба хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва оид ба ҳолати молиявии ташкилотҳо бо баъзе аз муқаррарот ва меъёрҳои худ ба танзим медарорад, вале санади меъёрии ҳуқуқии махсуси дахлдор қабул нагардидааст. Бояд зикр намуд, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" тағйироту иловаҳои дахлдор, ки заминаи ҳуқуқӣ барои қабули санади меъёрии ҳуқуқии мазкур ҳисобида шуда метавонанд, ворид карда шудаанд.
Арзёбии муфассали	Бояд зикр намуд, ки қабули Дастурамали

хароҷоти буҷети давлатӣ, эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот	мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Ҳамзамон, эҳтимоли ба миён омадани хароҷотҳои иловагии ночиз дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, вобаста ба риояи талаботи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур мавҷуд аст, аз ҷумла : - хароҷот вобаста ба пешбурди сомонаи расмии ташкилоти қарзии молиявӣ; - хароҷотҳо вобаста ба хариди маводҳои канселярӣ барои нашр намудани маводҳои зарурӣ оиди намуди хизматрасониҳои пешниҳодшаванда; - сарф шудани вақти иловагии пардохтшавандаи кормандони ташкилоти қарзии молиявӣ; - дигар амалҳо вобаста ба риояи талаботи муайяншудаи Дастурамали мазкур. Дар баробари хароҷотҳои зикршуда, иҷроиши талаботи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ, ба баланд шудани сатҳи саводнокии молиявии муштариёни онҳо мусоидат намуда, ба интихоби дурусти хизматрасониҳои молиявӣ, таъмини сатҳи зарурии шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва баланд гардидани ҳисси масъулияти муштариён оварда мерасонад. Дар ин раванд, хароҷотҳои боло зикршуда назди ин гуна ташкилотҳо ба пуррагӣ талофӣ гашта, барқарор мегарданд.
Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва дарёфти ҷамъоварии он	Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф вобаста ба Дастурамали мазкур ин: 1) сатҳи эътимоди ҷомеа ба бахши молиявӣ; 2) сатҳи маърифатнокии молиявии

	муштариёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ; 3) сатҳи дастрасии муштариён ба маълумотҳои нашргардида оиди хизматрасониҳои молиявӣ ва вазъи молиявии ташкилотҳо, яъне сатҳи шаффофияти фаъолияти ин гуна ташкилотҳо ҳисобида мешаванд. Бояд қайд намуд, ки дарияти натиҷагирӣ оид ба татбиқи амалии Дастурамали мазкур ин пеш аз ҳама ба амалиётҳои пешбинишудаи Нақшаи Афзалиятҳои Стратегии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 – 2019 ва Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вобастагӣ дорад.
Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он.	31.08.2020

Раиси
Бонки миллии Тоҷикистон Ҷ. Нурмаҳмадзода